Худованд панҷоҳ ҳазор сол қабл аз офариниш замин ва осмонҳо, тақдири халоиқро навиштааст

Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро шунидам, ки мегуфт: "Худованд панҷоҳ ҳазор сол қабл аз офариниш замин ва осмонҳо, тақдири халоиқро навиштааст, ва фармуд: Арши Худованд болои об буд".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар мавриди сарнавишти офариниш мефармояд, ки Худованд ҳама ончи дар тақдири инсонҳост, зиндагӣ, марг, рӯзӣ ва монанди инҳо, панҷоҳ ҳазор сол қабл аз офариниши замину осмонҳо дар лавҳи маҳфуз ба таври муфассал навиштааст, ва мутобиқи ончи Ӯ Таъоло муқаддар фармудааст, воқеъ мешавад. Ҳар чизе воқеъ мешавад ба иродат ва тақдири Худовандӣ аст. Ончи бар банда расид, мумкин набуд, ба ӯ нарасад, ва ончи ба ӯ нарасидааст, мумкин набуд, ки ба ӯ бирасад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65038